Бо қарори Раёсати
Бонки миллии Тоҷикистон
аз __ ______ соли 2018 №___
«тасдиқ шудааст»

# Дастурамали №___
# “Дар бораи соҳаи истифода ва тартиби муомилоти асъори хориҷӣ”

Дастурамал “Дар бораи соҳаи истифода ва тартиби муомилоти асъори хориҷӣ” дар асоси зербанди 2 моддаи 3, зербанди 4 моддаи 4 ва моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” таҳия гардида, соҳаи истифода, тартиби муомилоти асъори хориҷӣ ва қоидаҳои додани иҷозатнома барои фаъолияти ба анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ вобаста ва асосҳои рад намудан ва ё бозхонди онро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Пули миллӣ – сомонӣ воситаи ягона ва истисноии муомилот ва пардохти ҳар гуна ӯҳдадориҳои пулӣ ва анҷомдиҳии ҳисоббаробаркуниҳо дар шакли нақдӣ ва ғайринақдӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, қабули он бо арзиши номиналиаш аз рӯйи тамоми пардохтҳои пулӣ ҳатмӣ мебошад.

2. Асъори хориҷӣ – пули миллии мамлакатҳои хориҷӣ ҳамчун воситаи муомилот ва пардохти ҳар гуна уҳдадориҳои пулӣ ва анҷомдиҳии ҳисоббаробаркуниҳо дар шакли нақдӣ ва ғайринақдӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври истисно дар баъзе ҳолатҳои бо қонунгузории асъорӣ ва дастурамали мазкур муайян карда шуда, истифода бурда мешаванд.

## БОБИ 1. СОҲАИ ИСТИФОДАИ АСЪОРИ ХОРИҶӢ

3. Асъори хориҷӣ ҳамчун воситаи муомилоту пардохт дар шакли нақдӣ ва ғайринақдӣ дар соҳаҳои зерин истифода бурда мешавад:

а) дар фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ, ҳангоми:

- фурӯши молу хизматрасониҳо дар мағозаҳои савдои бебоҷ;

- пешниҳоди хизматрасониҳои махсус, аз он ҷумла, хизматрасониҳо ба мусофиро дар воситаҳои нақлиёти байналмилалӣ;
- миёнаравӣ дар бозори байналмилалии асъор.

Ба мафҳуми **"хизматрасониҳои махсус"** фаъолияти зерин дохил мешаванд:

- иҷрои кор ва хизматрасонӣ оид ба таъминот, нигоҳбонӣ, таъмир ва ташхису омодасозии ҳавопаймоҳои ширкатҳои хориҷӣ;
- хизматрасонии консулӣ ба ғайрирезидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фурудгоҳ ва истгоҳҳои байналмилалӣ;
- хизматрасонии миёнаравӣ дар хариду фурӯши мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ ҳангоми воридоту содироти онҳо;
- хизматрасонӣ барои кашонидани бор дар нақлиёти боркашонии байналмилалӣ зарурбуда, аз ҷумла, хизматрасонии экспедиторӣ, суғуртакунонӣ ва ғ.

б) дар фаъолияти миёнаравӣ барои фурӯши молу маводи воридотии аз ғайрирезидент дар асоси шартномаи (қарордоди) амонатфиристӣ ё комиссионӣ гирифташуда ва баровардани молу маводи аз ҷониби резидентҳо барои содирот истеҳсолшуда;

в) барои пардохти хароҷотҳои хизматрасонӣ вобаста ба содир ё ворид намудани молу мавод аз (ба) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё транзити онҳо тавассути қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон;

г) барои ҳисоббаробаркуниҳо бо буҷети давлатӣ дар ҳолатҳои муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки милли Тоҷикистон);

д) дар муносибат бо бонкҳои ваколатдор (ташкилотҳои қарзие, ки дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқи анҷомдиҳии амалиётҳои бонкӣ бо асъори хориҷиро доранд);

ё) ҳангоми гузаронидани маблағҳои пулӣ бо асъори хориҷӣ аз як суратҳисоби бонкӣ ба суратҳисоби дигари бонкии ҳамон як шахс;

е) дар дигар ҳолатҳои истисноие, ки моддаи 8 қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" барои резидентҳо пешбинӣ намудааст.

## БОБИ 2. ТАРТИБИ МУОМИЛОТИ АСЪОРИ ХОРИҶӢ

3. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ асъори хориҷиро ҳамчун воситаи муомилот ва пардохт барои фаъолияте, ки бо анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ вобастааст, дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон истифода бурда метавонанд.

4. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки иҷозатнома барои фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷиро доранд, асъори хориҷии нақдро ҳамчун воситаи пардохти арзиши молу мавод ва пешниҳоди хизматрасониҳои махсус аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо шарти иҷро шудани қоидаҳои зерин қабул карда метавонанд:

а) муқаррар намудани нархномаҳои молу мавод ва тарофаҳои хизматрасониҳои махсус бо асъори хориҷӣ ва мутаносиб ба он бо пули миллӣ;

б) муҳайё сохтани шароит ва воситаҳои техникии барои қабул, нигоҳдорӣ ва муайян кардани аслияти асъори хориҷии нақд зарурбуда, доштани кормандони дорои дониш, малакаю маҳорати махсуси муносибат бо асъори хориҷӣ;

в) доштани суратҳисоби бонкӣ бо асъори хориҷӣ, барои ба он ворид намудани асъори хориҷии нақд ва шароити зарурӣ барои ҳамлу нақли он.

5. Асъори хориҷии нақд аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонад, ҳамчун дороии шахсӣ нигоҳдорӣ карда шавад, тибқи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ба сифати амонат (пасандоз) дар (аз) ташкилотҳои қарзӣ гузошта ва ё гирифта шавад, ба сифати қарз гирифта ва баргардонида шавад, дар муассисаҳои ташкилотҳои қарзӣ фурӯхта ва ё харидорӣ карда шавад ва аз (ба) ҷумҳурӣ интиқол, содир ва ё ворид карда шавад.

6. Шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии ба фаъолияти соҳибкорӣ машғулбуда, асъори хориҷии нақд ё ғайринақдиро танҳо тавассути ҳисобҳои бонкии дар ташкилотҳои қарзӣ кушодаашон бемаҳдудияти маблағ ва таъинот харида ё фурӯхта метавонанд.

7. Барои шахсони ҳуқуқӣ-резидент ва ғайрирезидентҳо харид ё фурӯши асъори нақди хориҷӣ дар ташкилотҳои қарзӣ ва воҳидҳои сохтории онҳо манъ аст, ин гуна ашхос танҳо тавассути ҳисобҳои бонкии дар ташкилотҳои қарзӣ кушодаашон бемаҳдудияти маблағ ва таъинот асъори ғайринақди хориҷиро харида ё фурӯхта метавонанд.

8. Шахсони воқеӣ-резидент ва ғайрирезидентҳо, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул нестанд, асъори хориҷии нақдро тавассути

марказҳои хазинавии саридора, филиал ва марказҳои хизматрасонии бонкӣ, нуқтаҳои хизматрасонии хазинавӣ, банкомату терминалҳо (таҷҳизоти техникии худкор) бе маҳдудияти маблағ ва таъинот, бо риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом" ва Дастурамали №211 "Дар бораи тартиби анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷӣ " харида ва фурӯхта метавонанд.

Дар ҷойҳои дигар (берун аз сарбонк, филиал, маркази хизматрасонии бонкӣ, нуқтаҳои хизматрасонии хазинавӣ, банкомату терминалҳо (таҷҳизоти техникии худкор)) анҷом додани амалиёти хариду фурӯши асъори хориҷии нақд қатъиян манъ аст.

Шахсони воқеӣ (резидентҳо ва ғайрирезидентҳо) метавонанд асъори нақди хориҷиро ба суратҳисобҳои бонкии дар ташкилотҳои қарзӣ кушодаашон бе маҳдудияти ҳаҷми маблағ ва пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиқкунандаи манбаи пайдоиши онҳо, ворид намоянд.

9. Ташкилотҳои қарзӣ хариду фурӯши асъори хориҷиро дар қаламрави ҷумҳурӣ тавассути биржаҳои асъор, бозори байнибонкии асъор, шӯъбаҳои амалиёти асъории дохилибонкӣ ва хазинаҳои амалиётӣ, воҳидҳои сохтории худ, бе маҳдудияти маблағ ва таъинот анҷом медиҳанд.

10. Тартиби анҷомдиҳии амалиёти харид ва фурӯши асъори хориҷӣ дар биржаҳои асъор мутобиқи санадҳои меъёрии биржа, дар бозори байнибонкии асъор мутобиқи ***Оини рафтори иштирокдорони бозори байнибонкии асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон*** ва дар воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзӣ тибқи Дастурамали 211 "Дар бораи тартиби анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷӣ"муайян карда мешавад.

11. Амалиёти дар ташкилотҳои қарзӣ ба пули миллӣ табдил додани асъори хориҷӣ ва ба асъори хориҷӣ табдил додани пули миллии дар ҳисобҳои бонкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мавҷудбуда, амалиёти хариду фурӯши асъор набуда, балки амалиёти табдилдиҳӣ ба ҳисоб меравад ва ташкилотҳои қарзӣ вазифадоранд тартиби амалиёти зикршударо ба маълумоти мизоҷон-соҳибони ҳисобҳои бонкӣ расонида, тарофаҳои қурби амалиёти табдилдиҳӣ (конверсия)-ро эълон намоянд.

Чунин табдилнамоӣ дар асоси қурби расмии сомонӣ нисбат ба асъорҳои хориҷӣ сурат гирифта, ташкилоти қарзӣ аз мизоҷ барои ин хизматаш ҳаққи хизмат мегирад. Ҳаққи хизмат ҳангоми аз асъори хориҷӣ ба сомонӣ табдил намудани маблағи ӯҳдадориҳо бояд ба сифр баробар бошад ва ҳангоми аз сомонӣ ба асъори хориҷӣ табдил шудани онҳо ба андозаи калонтарин гирифта шавад.

12. Амалиёти табдилнамоӣ тибқи фармоиши дохилибонкии ташкилоти қарзӣ оид ба қурби табдилнамоии сомонӣ нисбат ба асъори хориҷӣ, ки бо риояи дастуру санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар шудааст, сурат мегирад.

13. Амалиёти хариду фурӯши асъори хориҷиро ташкилотҳои қарзӣ бояд дар бозори байнибонкӣ анҷом диҳанд. Ташкилотҳои қарзӣ инчунин дар ин бозор аз ҳисоби худ ва барои худ асъори хориҷиро харида ё фурӯхта метавонанд.

14. Ташкилотҳои қарзӣ вазифадоранд дар мӯҳлатҳои бо шартномаҳои хизматрасонии ҳисоби асъорӣ муқарраркардашуда ва дигар санадҳои меъёрӣ, дархост  ва ё супориши мизоҷонашон оид ба харидан ё фурӯхтани асъори хориҷиро иҷро намоянд.  Дар ҳолати ба қадри кифоя надоштани маблағ бо пули миллӣ ё асъори хориҷӣ, ташкилотҳои қарзӣ барои иҷрои дархост-супориши мизоҷ бояд ба бозори байнибонкӣ бароянд.

15. Дар қаламрави ҷумҳурӣ тамоми нархномаҳо, тарифҳо ва воҳидҳо танҳо бо пули миллӣ - сомонӣ ифода меёбанд. Бо асъори хориҷӣ ё бо воҳидҳои шартӣ ифода кардани онҳо манъ аст, ба истисноӣ дар банди 4 а) муқарррарkарадшудаи Дастурамали мазкур.

16. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки иҷозатнома барои фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷиро доранд, дар баробари асъори хориҷӣ, ухдадоранд бо қурби расмии муқарраркардаи Бонки миллии Тоҷикистон  ё қурби муқараркардаи ташкилоти қарзии хизматрасон ҳангоми аз ҷониби муштариён пешниҳод намудани пули миллӣ барои пардохти арзиши молу мавод ва пешниҳоди хизматрасониҳои махсус, онро бояд бе чунучаро қабул намоянд.

## БОБИ 2. ТАРТИБ ВА ҚОИДАҲОИ ДОДАНИ ИҶОЗАТНОМА БАРОИ ФАЪОЛИЯТ ОИД БА АНҶОМДИҲИИ АМАЛИЁТ БО АСЪОРИ ХОРИҶӢ, АСОСҲОИ РАД НАМУДАН ВА Ё БОЗХОНДИ ОН

17. Фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ барои резидентҳо фаъолияти асосӣ буда наметавонад.

18. Иҷозатнома номӣ буда ба шахси сеюм дода намешавад ва муҳлати амали иҷозатнома се сол аз рӯзи додани он мебошад. Иҷозатномае, ки ба шахси ҳуқуқӣ дода мешавад, ҳуҷҷате мебошад, ки ба дорандаи он ҳуқуқи машғул шудан танҳо ба фаъолияти дар он нишондодаро медиҳад.

19. Резидентҳо барои гирифтани иҷозатнома барои фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон бо дархост муроҷиат намуда, ҳуҷҷат ва маълумоти зеринро пешниҳод менамоянд:

а) ҳуҷҷатҳои таъсисдиҳӣ ва тасдиққунандаи бақайдгирии давлатӣ (асл ё нусхаи аз ҷониби резидент тасдиқшуда);

б) дар бораи натиҷаҳои фаъолияти молиявии хоҷагӣ дар санаи охири ҳисоботӣ;

в) дар бораи шароит, ҷой ва тарзи анҷомдиҳии фаъолияти ба анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ вобастабуда, тартиби қабул ва нигоҳдории маблағҳои асъорӣ, шаклҳои ҳисоббаробаркуниҳои ба онҳо вобаста;

г) дар бораи кормандони масъули таъминкунандаи фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ;

д) мушаххасоти суратҳисоби бонкӣ ва ташкилоти қарзие, ки фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷиро ба амал мебарорад;

е) ҳуҷҷатҳое, ки пардохти ҳаққи хизматро барои баррасии дархост ва гирифтани иҷозатнома тасдиқ менамоянд (расид ва ё нусхаи варақаи пардохт).

20. Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи қонеъ ё рад намудани дархости резидент барои гирифтани иҷозатнома дар муҳлати 30 рӯзи тақвимӣ аз санаи воридшавии дархост қарор қабул менамояд.

21. Резидентҳо ба Бонки миллии Тоҷикистон барои баррасии дархост ҷиҳати гирифтани иҷозатнома ба андозаи даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҳаққи хизмат пардохт менамоянд, ки он пас гардонида намешавад.

22. Резидентҳо барои гирифтани иҷозатнома ба андозаи панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба буҷети давлатӣ ҳақ пардохт менамоянд.

23. Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади муайян намудани омодагии резидент барои анҷом додани анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ санҷиш мегузаронад, ки он масъалаҳои зеринро дар бар мегирад:

а) шиносоӣ бо асосҳои меъёрӣ, ташкилӣ, моддӣ-техникии таъмин будани резидент барои ба роҳ мондани фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ;

б) баҳогузории низоми дохилии муҳосибот, назорати дохилӣ, нигоҳдории маблағҳои пулӣ ва муносибатҳо бо ташкилоти қарзии хизматрасони резиденти анҷомдиҳандаи фаъолияти махсус;

в) баҳогузории сатҳи тахассуси кормандони масъули анҷомдиҳандаи амалиёт бо асъори хориҷӣ.

24. Дар асоси дархости резидент барои гирифтани иҷозатнома, ҳуҷҷати тасдиққунандаи пардохти ҳаққи хизмат барои баррасии дархост, ҳуҷҷати тасдиққунандаи пардохти ҳаққи хизмат барои гирифтани иҷозатнома ва хулосаи мусбии Бонки миллии Тоҷикистон ба резидент Иҷозатнома барои Фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ (Замимаи 1) дода мешавад.

25. Дархости резидент барои гирифтани иҷозатнома бо асосҳои зерин рад карда мешавад:

а) пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва маълумоти нопурра, носаҳеҳ, беэътимод ва ё пешниҳод накардани онҳо;

б) қаноатбахш набудани натиҷаи санҷиш;

в) аз ҷониби резидент риоя нашудани талаботи қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии оид ба танзими асъор ва назорати асъор;

г) аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон зарур нашуморидани фаъолияти анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ барои резидент.

26. Бонки миллии Тоҷикистон ҳангоми рад намудани дархост барои додани иҷозатнома ба дархосткунанда ба тариқи хаттӣ ҷавоби асоснокро дар мӯҳлати муқarrаргардида барои додани иҷозатнома, ирсол менамояд

27. Резидентҳо нусхаи аз ҷониби онҳо тасдиқшудаи иҷозатномаро бояд ба ташкилоти қарзии хизматрасонашон пешниҳод намоянд.

28. Нусхаи иҷозатнома барои ташкилотҳои қарзӣ ҷиҳати оғоз намудани пардохт ва ҳисоббаробаркуниҳои ба фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ вобаста, асоси кофӣ ба ҳисоб меравад.

## БОБИ 4. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

29. Дар ҳолати риоя накардани талаботҳои муқарраркардашуда:

- тибқи мухлати муқарраркардашуда пешниҳод накардани ҳисобот;

- берун аз доираи фаъолияти дар иҷозатнома муқарраркардашуда, анҷом додани амалиёти асъорӣ Бонки миллӣ ҳуқуқ дорад мухлати амали иҷозатномаро боз дорад.

30. Резидентҳо ӯҳдадоранд оид ба фаъолияти бо анҷомдиҳии амалиёти асъорӣ вобастаи худ ба Бонки миллии Тоҷикистон инҳоро пешниҳод намоянд:

- ҳисоботи ҳармоҳа доир ба фаъолияти ба анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ вобаста (Замимаи №2);

- нусхаи тасдиқшудаи тарифаҳои фаъолияти ба анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ вобастабуда;

- бо талаби Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод намудани маълумоти иловагӣ оид ба фаъолияти ба анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ вобастабуда.

31. Ҳангоми аз ҷониби резидент риоя нашудани талаботи қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба танзими асъор ва назорати асъор Бонки миллии Тоҷикистон амали иҷозатномаро бозмедорад ва ё ин ки ба суд барои бекор кардани иҷозатнома муроҷиат менамояд.

32. Риояи талаботи Дастурамали мазкур дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тамоми шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ - резидент ва ғайрирезидентҳо, ташкилотҳои қарзӣ, вазорату идораҳо ва дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳатмист ва риоя накардани он мутобиқи қонунгузорӣ ҷавобгариро пешбинӣ менамояд.

Замимаи №1 ба Дастурамали №__
“Дар бораи соҳаи истифода ва тартиби
муомилоти асъори хориҷӣ”

ИҶОЗАТНОМАИ № __

________________________________________ ҳуқуқ дорад, ки фаъолияти
(номи пурра ва мухтасари резидент)

махсуси мазкурро анҷом ______________________________________________
_____________________________________________________________________
_________________________________________

Мӯҳлати амали иҷозатномаи мазкур то “___“ ____ с.20____ мебошад.

РАИСИ
Бонки миллии Тоҷикистон ______________ ______________________
имзо Ном ва насаб

ҷои мӯҳр

Замимаи №2 ба "Дар бораи соҳаи истифода ва тартиби муомилоти асъори хориҷӣ"
№1-ИАХ (моҳона)
(то санаи 5-уми моҳ пешниҳод карда мешавад)

# ҲИСОБОТ

## оид ба фаъолияти ба анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ вобастабуда дар моҳи___________ соли 20___

____________________________________
(номи мухтасари резидент)

| Навъи фаъолият | Маблағи аз фаъолияти махсус ба даст омада | | | | | | | | Ҳамагӣ бо сомонӣ* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Бо сомонӣ | | Бо доллари ИМА | | Бо Евро | | Бо рубли Русӣ | | |
| | нақдӣ | ғайринақдӣ | нақдӣ | ғайринақдӣ | нақдӣ | ғайринақдӣ | нақдӣ | ғайринақдӣ | |
| ** | | | | | | | | | |
| Ҷамъ: | | | | | | | | | |

*- бо қурби расмии сомонӣ дар санаи 1 моҳи пас аз моҳи ҳисоботӣ.
** - навъи фаъолияти махсус

Роҳбари резидент _____________ ________________________
ному насаб имзо

Мутасаддӣ _____________ ______________________
ному насаб имзо

Тел. Иҷрокунанда: __________